# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info06-@ahd.tj


**№ 04-2328 аз «20» декабри соли 2023**

**Ба №__________ аз «____» ______________ соли 20**

Мақомоти давлатӣ
(тибқи руйхат)

Мавзуъ: Дар бораи баррасии лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот»

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки тибқи дархости Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2023, №1220/1-01(6) аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот» (дар таҳрири нав) таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур барои баррасӣ пешниҳод карда шуда, хоҳишмандем таклифу пешниҳодҳои худро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот» ва асосноккунии он дар 9 варақ.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.


Иҷрокунанда: Файзализод А.Ф.
Телефон: 224-47-36

ЛОИҲА

# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «___» ___________ соли 2023 № шаҳри Душанбе

Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот

Мувофиқи қисми 4 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дар асоси дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 октябри соли 2023, №34542 (34), дархости Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2023, №1220/1-01(6) бо мақсади мусоидат дар такмили масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои соҳаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, баланд бардоштани сифати иҷрои уҳдадориҳои хизмати давлатӣ ва тибқи банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ карда шудааст, Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ А М:

1.Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот тасдиқ карда шавад (замима карда мешавад).

2.Ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тавсия дода мешавад, ки дар асоси Дастурамали намунавии мазкур дастурамалҳои мансабии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот аз тарафи раисони ҷамоатҳо дар таҳрири нав тасдиқ карда шуда, иҷрои пурраи он дар фаъолияти минбаъдаи корӣ таъмин карда шавад.

3.Сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ:

-барои аз нав тасдиқ намудани дастурамалҳои мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоатҳои шаҳрак/деҳот аз тарафи раисони ҷамоатҳо бо истифодаи Дастурамали намунавии мазкур ба раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ва хадамоти кадрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии худуди дахлдор кумаки методӣ расонанд;

-риояи Дастурамали намунавии мазкурро дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳти назорат қарор дода, ҷиҳати татбиқи талаботи он мусоидат намоянд.

4.Фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2019, №199 «Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот» аз эътибор соқит дониста шавад.

Директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.

Лоиҳа

Замима
Ба фармоиши Агентии хизмати давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_____» __________ соли 2023, №_____

Замима _____
Ба қарори раиси ҷамоати
шаҳраки/деҳоти шаҳри/ноҳияи
аз «____» _________ соли 20___,
№_______

Дастурамали
намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими
анъана ва ҷашну маросими шаҳрак/деҳот

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб-сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст.

3.Сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот (минбаъд-сармутахассис) аз тарафи раиси ҷамоати шаҳрак/деҳот (минбаъд-раиси ҷамоат) мувофиқи талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба раиси ҷамоат, муовини раиси ҷамоат/котиби ҷамоат мувофиқи тақсими вазифаҳо тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассис иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба муовини раиси ҷамоат/котиби ҷамоат вогузор карда мешавад.

6.Сармутахассис бо кормандони ҷамоати шаҳрак/деҳот (минбаъд-ҷамоат), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия, сохтори маҳаллии дин, танзими анъана ва ҷашну маросими шаҳр/ноҳия, дигар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҳудуди шаҳрак/деҳот дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

7.Барои ишғолкунандаи мансаби сармутахассис талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбӣ бо ихтисосҳои равияҳои диншиносӣ, шарқшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, фалсафӣ, таърихшиносӣ, сиёсатшиносӣ, идоракунии давлатӣ, омӯзгорӣ ва иқтисодӣ;

-3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии сармутахассисро ба танзим медароранд;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ.

## 3.Ӯҳдадориҳои мансабии сармутахассис

8.Нақшаи кории худро таҳия ва барои тасдиқ ба раиси ҷамоат пешниҳод, ба нақшаи кории ҷамоат таклиф пешниҳод менамояд.

9.Сиёсати давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ҳудуди дахлдор дар соҳаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим татбиқ менамояд.

10.Тарғибот, омӯзиш ва назорати рафти иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дар ҳудуди шаҳрак/деҳот ба роҳ мемонад.

11.Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, оид ба гузаронидани ҷашну маросим ба комиссияи доимии танзими анъана ва ҷашну маросим, ба қайд гирифта, баррасӣ карда, тавсияҳо медиҳад. Дигар муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ баррасӣ менамояд.

12.Дар ҳамкорӣ бо сохтори маҳаллии дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия барои пешбурди кори Комиссияи доимии танзими анъана ва ҷашну маросими ҳудуди шаҳрак/деҳот мусоидат менамояд.

13.Дар санҷишҳо оид ба рафти иҷрои қонунгузории танзими анъана ва ҷашну маросим таҳияи тавсияҳо ва дастурҳои амалӣ барои камхарҷ гузаронидани ҷашну маросим иштирок менамояд;

14.Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро вобаста ба масъалаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони ҷамоат баррасӣ намуда, хулосаи ҷамоатро омода менамояд.

15.Бо дигар кормандони ҷамоат ва аъзои Комиссияи доимии танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоат дар санҷишҳо (рейдҳо) бо мақсади муайян намудани ҳолати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иштирок намояд ва аз натиҷаи онҳо ба раиси ҷамоат гузориш пешниҳод намояд;

16.Ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани амалҳои ҳуқуқвайронкунии соҳаи танзими анъана ва ҷашну маросим аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чораҳои дахлдор меандешад.

17.Бо мақсади пешгирӣ намудани қонунвайронкунии дахлдор санади пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ тартиб дода, ба шахси баргузоркунандаи маросим огоҳӣ медиҳад.

18.Фаъолияти ҳамоҳангсозиро бо ташкилотҳои ҳудуди шаҳрак/деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, масҷидҳои ҷомеъ, панҷвақта ва аҳолӣ ба роҳ мемонад.

19.Бо супориши раиси ҷамоат ва ё дархости сохтори маҳаллии дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории ҷамоат, мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия ва дигар мақомоти дахлдор, инчунин дар ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои самти фаъолият иштирок менамояд.

20.Дар мавриди ошкор шудани ҳуқуқвайронкунии танзими анъана ва ҷашну маросим маводи дахлдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро бо тартиби муқарраргардида тартиб дода, парвандаро барои баррасӣ ба суди шаҳри/ноҳияи дахлдор пешниҳод менамояд.

21.Назорати иттиҳодияҳои динии дар ҳудуди ҷамоат амалкунандаро ба роҳ монда оид ба фаъолияти оинномавии онҳо ҳар семоҳа ҳисобот талаб карда, ба бахши дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия пешниҳод менамояд.

22.Фаъолияти таблиғотии оммавии динии иттиҳодияҳои динӣ ва шаҳрвандонро (мавъиза, амри маъруф, паҳн кардани фиттаҳо ва ғайра) таҳти назорат ва мавриди таҳлил қарор медиҳад.

23.Рӯйхати иттиҳодияҳои динӣ, гурӯҳҳои таълимии динӣ, шаҳрвандони дар муассисаҳои таълими динии дохил ва хориҷи кишвар таҳсилкунанда, шаҳрвандони ба таълими инфиродӣ ва ҳуҷрагӣ машғулбударо тартиб дода,

ба сохтори маҳаллии дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия ирсол менамояд.

24.Ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои динии ҳудуди шаҳрак/деҳотро барои қайди баҳисобгирӣ ё қайди азнавбаҳисобгирӣ омода ва ба бахши дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия пешниҳод менамояд.

25.Корҳои ҷамъиятии беҳдошти масҷиду қабристонҳоро ташкил менамояд.

26.Бо васоити ахбори омма дар доираи ваколатҳои худ ҳамкорӣ менамояд. Дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ корҳои иттилоотию таблиғотиро оид ба масъалаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим анҷом медиҳад.

27.Ҳуҷҷатгузорӣ вобаста ба масъалаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимро тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ ва тартиби ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳоро тибқи феҳристи парвандаҳои ҷамоат таъмин мекунад.

28.Махзани электронии ҳуҷҷатгузории соҳаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимро дар ҷамоати шаҳрак/деҳот тартиб медиҳад ва назорат менамояд.

29.Дигар супоришҳои раиси ҷамоати шаҳрак/деҳотро тибқи тартиби муқарраргардида иҷро менамояд.

30.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолият дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

31.Сармутахассис дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳо (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузории дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, санадҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, лоиҳаҳо, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва гузоришҳо ба унвони раиси ҷамоат салоҳияти имзо кардан дорад.

## 4.Ҳуқуқҳои сармутахассис

32.Сармутахассис ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори ба фаъолияти ҷамоат дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;

-вобаста ба масъалаҳои танзими анъана ва ҷашну маросим ба ҷамоати шаҳрак/деҳот ва сохтори маҳаллии дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия пешниҳод ва таклиф манзур менамояд;

-дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯйи масъалаҳое, ки ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахл доранд, иштирок намояд;

-аз роҳбарони ташкилотҳои ҳудуди шаҳрак/деҳот оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти ӯ мансуб мебошанд, маълумот талаб намояд;

-аз махзани маълумоти дахлдори ҷамоат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия ва сохтори маҳаллии дин, танзими анъана ва ҷашну

маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия истифода намояд;

-дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳое, ки ба фаъолияти ҷамоат дахл доранд, иштирок намояд.

-дар ҳолатҳои зарурӣ кормандони ҷамоат ва ташкилотҳои ҳудуди шаҳрак/деҳотро бо мувофиқаи роҳбарони онҳо барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи ҷамоат гузошта шудааст, ҷалб намояд;

-бо тартиби муқарраршуда маҷлисҳо ва семинарҳо даъват намояд, инчунин дар маҷлисҳое, ки раиси ҷамоат доир ба масъалаҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим мегузаронанд, иштирок намояд;

-ба раиси ҷамоат дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ оид ба такмил додани самти фаъолият таклиф пешниҳод намояд;

-ҳамкории ҷамоатро бо дигар ташкилотҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия ба роҳ монад;

-оид ба такмили дастурамали мансабии худ таклиф пешниҳод намояд.

33.Сармутахассис дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти сармутахассис

34. Сармутахассис дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботе, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва талаботи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан, нобуд сохтан ё вайрон кардани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

35.Сармутахассис барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани талаботи Дастурамали мансабии мазкур тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

36.Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум баъд аз тасдиқ дар коргузории ҷамоат нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи раиси ҷамоат/муовини раиси ҷамоат/котиби ҷамоат байди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ ба сармутахассис супорида мешавад.

37.Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи сармутахассис аз рӯйи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии сохтор ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сармутахассис мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Асосноккунии
лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот»

Лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот» мувофиқи қисми 4 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 октябри соли 2023, №34542 (34) ва дархости Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2023, №1220/1-01(6) барои такмили дастурамали мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот дар таҳрири нав таҳия карда шудааст.

Мувофиқи таҳрири нави лоиҳаи Дастурамали намунавии мансабии сармутахассиси дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷамоати шаҳрак/деҳот, ки бо фармоиши директори Агентии хизмати давлатӣ аз 28 сентябри соли 2019, №199 тасдиқ карда шудааст, бо мақсади мусоидат дар таъмини интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои соҳаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, пурра намудани ҷойҳои холӣ ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани сифати иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ дар назар аст.

Дар таҳрири нави Дастурамали намунавии мазкур талаботи тахассусӣ оид ба ихтисос васеъ карда шуда, номгӯйи уҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқҳо ва масъулияти ишғолкунандаи мансаби мазкур мушаххас гардонида шудаанд.

Мувофиқи хулосаи арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ошкор карда нашудааст.

Татбиқи лоиҳаи мазкур маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Бо назардошти асосҳои нишондодашуда лоиҳаи мазкур барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Замима
ба мактуби Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» декабри соли 2023, №04-2328

**Рӯйхати**
**кӯтоҳи мақомоти давлатӣ**

| *Р/т* | *Номгӯйи мақомоти давлатӣ* | *Эзоҳ* |
|---|---|---|
| | **Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ** | |
| | *Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* | |
| 1 | Кумитаи рушди маҳал | |
| 2 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ) | |
| 3 | Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм | |
| | *Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон* | |
| 4 | Вазорати маориф ва илм | |
| 5 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ | |
| 6 | Вазорати молия | |
| 7 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | |
| | *Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон* | |
| 8 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | |
| | *Идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* | |
| 9 | Кумитаи забон ва истилоҳот | |
| 10 | Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим | |
| | **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии** | |
| | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | |
| 12 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ | |
| | **Вилояти Суғд** | |
| 13 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | |
| | **Вилояти Хатлон** | |
| 14 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | |
| | *Муассисаҳои давлатӣ* | |
| 15 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | |
| 16 | Академияи идоракунии давлатӣ | |
| 17 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ | |

**Агентии хизмати давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**